**ПРОТОКОЛИ № 41.2**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 04 сентябри соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, № 289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, ки 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меранд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани ба диссертатсияи Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи «Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д. ва аъзоёни комиссия, доктори илмҳои иқтисодӣ Абдуқодирӣ Х.А., дотсент Асророва М.А. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи «Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи «Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович дар мавзуи «Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Ахмедов Каримҷон Акбарҷонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд»;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДДҲБСТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 22 ноябри соли 2025, соати 09:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Бобоҷониён Д.Д.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саиджонов С.Ш.**